**Таҳлили маълумот оид ба дархостҳои мизоҷон барои гирифтани қарз**

Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотӣ таҳлили маълумотро оид ба дархостҳои пешниҳодшуда, радшуда ё маъқулнакарда, сатҳи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷонро барои гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзии кишвар, инчунин муқоисаи раванди мазкурро бо бонкҳои Аврупо ва Ҳиндустон гузаронида, натиҷаҳои бадастовардаро дар шакли зерин пешниҳод менамояд[1].

Бояд қайд намуд, ки дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 миқдори умумии дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ 439238 ададро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба миқдори 96602 адад ё 28,19% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 1. Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилотҳои қарзӣ | Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018 | |
|---|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри с. 2018 | Январ – сентябри с. 2019 | адад | % |
| Бонкҳо | 117329 | 147762 | 30433 | 25,94 |
| ТАҚХ | 192579 | 256627 | 64048 | 33,26 |
| ТҚХ | 22981 | 25210 | 2229 | 9,70 |
| ФҚХ | 9747 | 9639 | -108 | -1,11 |
| Ҳамагӣ: | 342636 | 439238 | 96602 | 28,19 |

Тавре мебинем, дар давраи таҳлилӣ миқдори дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз аз тарафи мизоҷон дар бонкҳо 30433 адад ё 25,4%, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) – 64048 ё 33,26%, ташкилотҳои қарзии хурд (ТҚХ) – 2229 адад ё 9,70% зиёд гардидааст. Дар фондҳои қарзии хурд (ФҚХ) бошад, теъдоди дархостҳои пешниҳодшуда дар давраҳои муқоисашаванда ба миқдори 108 адад ё 1,11% кам гардидааст.

---

[1]Эзоҳ: Аз сомонаи интернетӣ танҳо маълумот нисбати бонкҳои калонтарини ҳамин кишварҳо вобаста ба дархостҳои қарзии мизоҷон пайдо карда шудааст.

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 ҳиссаи шумораи дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ аз ҷамъи дархостҳои пешниҳодшудаи умумӣ дар бонкҳо – 33,64%, ТАҚХ – 58,42%, ТҚХ – 5,74% ва ФҚХ – 2,20% -ро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо 0,6 банди фоиз, ТҚХ – 0,97 банди фоиз ва ФҚХ – 0,64 банди фоиз кам шуда, дар ТАҚХ ба андозаи 2,21 банди фоиз зиёд шудааст.

Бо вуҷуди он ки дар давраҳои муқоисавӣ миқдори дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон ба ташкилотҳои қарзӣ барои гирифтани қарз ба андозаи 28,19% зиёд гардида бошад ҳам, вале масъалаи муҳим ин ошкор намудани миқдори дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат ба шумор меравад. Агар дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 теъдоди дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат тақрибан 63 адад (6,3%) рост ояд, пас нишондиҳандаи мазкур дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 тақрибан 80 (8,0%) ададро ташкил медиҳад. Ҳисоби зикршуда аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ҳисоби миёна аз 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 танҳо 63 нафар (ё 6,3%) ва дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 ҳамагӣ 80 нафар (ё 8,0%) барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ муроҷиат намуданд.

**Ҷадвали 2. Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, (+) – зиёдшавӣ (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри с. 2018 | Январ – сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 21 | 27 | 6 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ТАҚХ | 35 | 47 | 12 |
| ТҚХ | 4 | 5 | 1 |
| ФҚХ | 2 | 2 | 0 |
| Ҳамагӣ: | 62 | 81 | 19 |

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 миқдори дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар бонкҳо – 27 адад, ТАҚХ – 47 адад, ТҚХ – 5 адад ва ФҚХ – 2 адад рост меояд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар бонкҳо 6 адад, ТАҚХ – 12 адад ва ТҚХ – 4 адад зиёд гардида, дар ФҚХ бошад, бетағйир мондааст.

Бояд иброз намуд, ки дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 миқдори умумии дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ 380950 ададро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 74768 адад ё 24,42% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 3. Миқдори дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои қонеъшуда, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018 | |
|---|---|---|---|---|
| | январ – сентябри с. 2018 | январ – сентябри с. 2019 | адад | % |
| Бонкҳо | 104 063 | 129980 | 25917 | 24,91 |
| ТАҚХ | 177 176 | 224 482 | 47306 | 26,70 |
| ТҚХ | 18 451 | 20 004 | 1553 | 8,42 |
| ФҚХ | 6492 | 6484 | -8 | -0,12 |
| Ҳамагӣ: | 306 182 | 380 950 | 74 768 | 24,42 |

Тавре дар ҷадвали боло дида мешавад, дар давраи таҳлилӣ теъдоди дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо - 25917 адад ё 24,91%, ТАҚХ – 47306 ё 26,70%, ТҚХ – 1553 адад ё 8,42% зиёд гардидааст. Дар ФҚХ

миқдори дархостҳои қонеъшуда дар давраҳои муқоисашаванда ба миқдори 8 адад ё 0,12% кам гардидааст.

Дар давраи январ – сентябри соли 2019 ҳиссаи шумораи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ аз ҷамъи дархостҳои қонеъшудаи умумӣ дар бонкҳо – 34,0%, ТАҚХ – 57,87%, ТҚХ – 6,03% ва ФҚХ – 2,12% -ро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи теъдоди дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо 0,13 банди фоиз ва ТАҚХ – 1,06 банди фоиз зиёд гардида, дар ТҚХ – 0,78 банди фоиз ва ФҚХ – 0,42 банди фоиз кам шудааст.

Маълумот доир ба миқдори дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019 дар ҷадвали 4 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 4. Миқдори дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои қонеъшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, (+) – зиёдшавӣ (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри с. 2018 | Январ – сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 19 | 24 | 5 |
| ТАҚХ | 32 | 41 | 9 |
| ТҚХ | 3 | 4 | 1 |
| ФҚХ | 1 | 1 | 0 |
| Ҳамагӣ: | 55 | 70 | 15 |

Дар нуҳ моҳи соли 2019 ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат миқдори дархостҳои қонеъшуда дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзӣ 70 адад, аз ҷумла дар бонкҳо – 24 адад, ТАҚХ – 41 адад, ТҚХ – 4 адад ва ФҚХ – 1 адад рост меояд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли

2018 шумораи дархостҳои қонеъшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзӣ 15 адад, бонкҳо – 5 адад, ТАҚХ – 9 ва ТҚХ - 1 адад зиёд шудаанд. Нишондиҳандаи мазкур дар давраҳои таҳлилшаванда дар ФҚХ бетағйир боқӣ мондааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳамин давраи соли 2019 сатҳи умумии дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ 86,73% -ро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 2,63% кам шудааст.

**Ҷадвали 5. Сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Сатҳии дархостҳои қонеъшуда, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, % (+) –зиёдшавӣ, (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри с. 2018 | Январ – сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 88,69 | 87,97 | -0,72 |
| ТАҚХ | 92,00 | 87,47 | -4,53 |
| ТҚХ | 80,29 | 79,35 | -0,94 |
| ФҚХ | 66,31 | 67,27 | 0,96 |
| Ҳамагӣ: | 89,36 | 86,73 | -2,63 |

Дар давраи ҳисоботии соли 2019 сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо – 87,97%, ТАҚХ – 87,47%, ТҚХ – 79,35% ва ФҚХ – 67,27% -ро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо -0,72%, ТАҚХ – 4,53% ва ТҚХ – 0,94% кам шудааст. Дар ФҚХ сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар давраи таҳлилӣ ба андозаи 0,96% зиёд гардидааст. ***Чунин сатҳи баланди дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон ошкоро аз сабукгардии дастрасии мардум дар самти гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад.***

Омӯзиши маводҳои тадқиқотӣ ва таҳлилӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сатҳи қонеъ гардонидани дархостҳои пешниҳодшуда дар

ҳудуди аз 50 то 60 фоиз дар бонкҳои Аврупо[2] муътадил шуморида мешавад. Зеро дар ин маврид дар бонкҳо имкониятҳои васеъ пайдо мешавад, то ки сабабҳои ҳама гуна эҳтимолияти калони пайдоиши хавфҳоро тадқиқ намоянд ва барои идораи оптималии онҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Дар бонкҳои Аврупо теъдоди зиёди (бештар аз 50% - 60%)-и ҳамон дархостҳои пешниҳодгардидае қонеъ гардонида мешаванд, ки маблағгузории қарзӣ барои пешрафти соҳибкорӣ, бизнес, рушди иқтисодиёт ва умуман ба даст овардани сатҳи баланди зиндагӣ мусоидат намояд. Масалан, дар сатҳи минтақаи ЕВРО аз 1/3 ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна (КХМ) барои гирифтани қарз ба бонкҳо дархост пешниҳод намудаанд. Ҳиссаи 44 фоизи КХМ, биноан бо сабаби дастрасии кифоятии маблағҳои дохилӣ ба бонкҳо барои гирифтани қарз дархост пешниҳод накарданд. Аз миёни дархосткунандагони КХМ танҳо ба 74 фоизи онҳо муяссар гардид, ки соҳиби қарз гарданд.

Муқоисаи нишондиҳандаи сатҳи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои калонтарини Ҳиндустон дар соли 2019 дар ҷадвали 6 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 6. Сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ТҚ ҶТ) ва бонкҳои калонтарини Ҳиндустон (БКҲ) дар соли 2019***

| Нишондиҳанда | ТҚ ҶТ | БК Ҳ |
|---|---|---|
| Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда, адад | 439 238 | 45 161 |
| Миқдори дархостҳои қонеъшуда барои пешниҳоди қарз, адад | 380 950 | 21 584 |
| Миқдори дархостҳои радшуда, адад | 38358 | 23 577 |
| Миқдори дархостҳои дар баррасӣ қарордошта ва маъқулнакардаи шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ, адад | 19930 | - |
| Сатҳи дархостҳои қонеъшуда, % | 86,7 | 47,8 |
| Сатҳи дархостҳои қонеънагардида, % | 8,7 | 52,2 |
| Ҳиссаи дархостҳои дар баррасӣ қарордошта ва маъқулнакардаи шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ, % | 4,6 | - |

[2]Дархости қарзҳои соҳибкории хурду миёна.

*- Маълумотҳо доир ба дархостҳо барои гирифтани қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраҳои январ – сентябри соли 2019 ва Ҳиндустон моҳи апрели соли 2019–ро дарбар мегирад.

Тавре, ки аз маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 6 аён аст, дар соли 2019 сатҳи дархостҳои қонеъгардида дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 86,7% ва дар бонкҳои калонтарини Ҳиндустон – 47,8%-ро ташкил медиҳанд. Ҳол он ки Сарвазири Ҳиндустон Нарендро Моди гирифтани "Қарз дар 59 дақиқа"–ро дар мамлакат эълон намуд ва таъкид кард, ки бояд на камтар аз 50 фоизи дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз аз бонкҳои Ҳиндустон қонеъ гардонида шаванд. Ҳатто бонки калонтарини Ҳиндустон "Бонки давлатии Ҳиндустон"аз теъдоди умумии дархостҳои пешниҳодгардида, ҳамагӣ 42,8 фоизи дархостҳо барои гирифтани қарзро қонеъ гардонида, 57,2 фоизи боқимондаи дархостҳоро бо сабабҳои мушаххас рад намуд. Дар навбати худ ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи умумии дархостҳои пешниҳодгардида танҳо 8,7 фоизи онҳоро барои гирифтани қарз рад намудааст.

Албатта, рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон сабабҳои худро дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистонду гуруҳи сабабҳои рад ва маъқул нашудани дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз вуҷуд доранд:

Якум, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз бо сабабҳои дахлдор. Агар дар давраи январ – сентябри соли 2018 ҳиссаи дархостҳои радшуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ – 6,37% -ро ташкил диҳад, дар ҳамин давраи соли 2019 нишондиҳандаи мазкурба 8,73% баробар шуда, нисбат ба давраи муқоисавӣ 2,36% зиёд гардидааст. Таснифоти сабабҳои рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз дар ҷадвали 7 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 7. Сабабҳои рад шудани дархостҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Таснифи сабабҳо | Ҳиссаии дархостҳои радшуда аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, адад (+) –зиёдшавӣ, (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри с. 2018 | Январ – сентябри с. 2019 | |
| 1.Набудани мақсадҳои аниқ, амалинашаванда, розӣ набудани оилаи мизоҷон барои қарзгирӣ, бад будани нуфӯзи мизоҷ ва додани маълумоти бардурӯғ | 0,43 | 0,33 | -0,10 |
| 2.Мутобиқ набудани бастаи ҳуҷҷатҳо, таърихи бади мизоҷ, рад намудан дар асоси баҳодиҳӣ ва пешниҳоди скоринг, мувофиқ набудани дархост ба маҳсулоти қарзӣ. | 2,42 | 2,51 | 0,09 |
| 3.Бад будани ҳолати молиявии мизоҷ, уҳдадориҳои ҷорӣ доштани мизоҷ, аз рӯи таҳлили молиявӣ ҷавобгӯ набудан, надоштани сармояи кофӣ барои амалӣ намудани мақсад, мувофиқ набудани гарав. | 2,01 | 2,50 | 0,49 |
| 4.Раднамоӣ аз тарафи кумитаи қарз, пас аз гузаронидани назорат ва дигар сабабҳо | 1,51 | 3,39 | 1,88 |
| Ҳамагӣ | 6,37 | 8,73 | 2,36 |

Дуюм, сабабҳои ошкоро қабул накардани шартҳои дастрасии қарз аз ҷониби муштарӣ. Асосан ин шартҳои нокифоятии дастрасии мизоҷон ба қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ, ба монанди баланд будани меъёри фоиз, кам будани ҳаҷми қарз, маъқул накардани муҳлати қарз, маъқул накардани тартиби баргардонидани қарз, дер баррасӣ шудани дархости қарз, мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард, ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд, ба ҳисоб меравад.

Агар дар нуҳ моҳи соли 2018 ҳиссаи қабул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодгардида 2,25% -ро ташкил диҳад, пас дар ҳамин давраи соли 2019, нишондиҳандаи мазкур зиёд гардида, андозаи 2,33% ё нисбат ба давраи муқоисавӣ 0,08 %-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 8. Сабабҳои қабул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Таснифи сабабҳо | Ҳиссаии қабул накардани шартҳои қарз аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳода, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, адад (+) –зиёдшавӣ, (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри с. 2018 | Январ – сентябри с. 2019 | |
| 1.Баланд будани меъёри фоиз | 0,55 | 2,33 | 1,78 |
| 2.Кам будани ҳаҷми қарз | 0,08 | 0,11 | 0,03 |
| 3.Қабул накардани мухлати қарз | 0,10 | 0,08 | -0,02 |
| 4.Қабул накардани тартиби баргардонидани қарз | 0,72 | 0,56 | -0,16 |
| 5.Дер баррасӣ шудани дархости қарз | 0,12 | 0,07 | -0,05 |
| 6.Мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард | 0,59 | 0,45 | -0,14 |
| 7.Ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд | 0,10 | 0,10 | 0 |

Чуноне ки мебинем, дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 ҳиссаи қабул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда бо сабаби баланд будани меъёри фоиз – 2,33%, кам будани ҳаҷми қарз – 0,03%, қабул накардани муҳлати қарз – 0,08%, дер баррасӣ шудани дархости қарз – 0,07%, мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард – 0,45% ва ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда

маъқул нашуд -0,10% -ро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи қабул накардани шартҳои қарз бо сабаби баланд будани меъёри фоиз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда ба андозаи 1,78% ва кам будани ҳаҷми қарз – 0,03% зиёд гардидааст. Ҳиссаи қабул накардани муҳлати қарз – 0,02%, маъқул накардани тартиби баргардонидани қарз – 0,16%, дер баррасӣ шудани дархости қарз – 0,05% ва мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард ба андозаи 0,14 % кам шудааст.

Сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз дар таҷрибаи бонкҳои дигар кишварҳо дар ҷадвали 9 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 9. Сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз (таҷрибаи бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон)**

| Аврупо | Ҳиндустон |
|---|---|
| 1.Рейтинги қарзӣ< 750+ | 1.Рейтинги қарзӣ<750+ |
| 2.Даромади ҳармоҳа; Таносуби ҳармоҳаи хароҷот ва даромадҳо камтар аз 40%. | 2.Сарчашмаи даромадҳо |
| 3.Таносуби доимии уҳдадориҳо ва даромадҳо (FOIR) | 3.Таносубии қарз ва даромад |
| 4.Касби корфармо, таҳкимии кор ва мавқеи ҷойгиршавӣ | 4.Даромад, пардохпазирӣ, ҷой доштани хатти қарзӣ |
| | 5. Гарав |

Дар робита ба таҳлили боло, таснифоти сабабҳои рад шудани дархостҳоро барои гирифтани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таснифоти сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардидаи бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон муқоиса намуда, дарёфтем, ки байни онҳо тавофути на он қадар калон ҷой дорад. Дар таҷрибаи бонкҳои калонтарини ин кишварҳо пешниҳоди қарзи шахсӣ (инфиродӣ) асосан ба қарзгироне пешниҳод карда мешавад, ки онҳо таърихи пардохтии боэътимодро дошта, дар муҳлати муқарраргардида қарзи гирифтаро

бармегардонанд. Биноан рейтинги чунин шахсони қарзгир на камтар аз 750+ балл (хол) –ро ташкил дода, барои гирифтани қарз имконияти афзалиятноктар доранд.

Дар қисмати ҷамъбастии мақола қайд кардан зарур аст, ки муқоисаи натиҷаи таҳлили қонеъгардонии дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз ва сабабҳои радкунӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардида ва дараҷаи қонеъгардонӣ дар бонкҳои калонтарини дигар кишварҳо аз сабукгардии шартҳои дастрасӣ ба қарзҳои ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад.

*Пажӯҳишгоҳи*
*илмӣ-тадқиқотии БМТ.*